УДК: 336

НАҚШИ ФОИЗҲОИ БОНКӢ ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ЗАХИРАҲОИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ БОНКӢ

Шариф Раҳимзода

д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: shama100@msn.com. Тел.: (+992) 901066652

Ҷумаев Исматулло Қурбонович

ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 987230808. E-mail: ismatjuma1990@mail.ru

Дар Тоҷикистони мусоир ва рӯ ба қадамҳои устувор низоми бонкӣ яке аз бахшҳои калидии мамлакат маҳсуб ёфта, боварии давлат барои таъмири рушди устувори иқтисода ин бахши калидӣ зиёд мебошад. Бинобар ин бонкҳо дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва дар амал татбиқ намудани вазифа ва маҳксадҳои худ, бодарназардошти боварӣ ва эътимоди давлат ба ду масъалаи асосӣ сиёсати захираҳо ва сиёсати фоизӣ ва нархгузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Аз ҳамин лиҳоз дар мақолаи мазкур мо ҷанбаҳои иқтисодӣ ва инстиутсионалии сиёсати фоизиро мавридӣ баррасӣ қарор дода дар ин замина як қатор нишондиҳанда ва омилҳоро таҳлилу баррасӣ намуда ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаем. Дар ҳамин замина хусусиятҳои хоси сиёсати фоизӣ, чигунагии меъёрҳо ва дар кадом сатҳ қарор доштану чи афзалият доштани онҳо дар ин мақола баррасӣ гардида як қатор мушаххасотҳо муаян ва пешниҳод гардидаанд.

Калидвожаҳо: Сиёсати фоизӣ, фоизи қарзҳо, фоизи пасандозҳо, нархи хизматрасонӣ, меъёри фоиз, амалиёт ва хизматрасонӣ, сиёсати фоизӣ ва нархгузорӣ, пардохтҳои электронӣ, рушди иқтисодӣ.

РОЛЬ БАНКОВСКИХ ПРОЦЕНТНЫХ СТАВОК И ИХ ЗНАЧЕНИЕ В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНЫХ РЕЗЕРВОВ

Шариф Рахимзода

доктор экономических наук, профессор кафедры финансовой экономики и биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. E-mail: shama100@msn.com. Тел.: (+992) 901066652

Джумаев Исматулло Курбонович

ассистент кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: 987230808. E-mail: ismatjuma1990@mail.ru

В Таджикистане банковская система является одним из ключевых секторов страны, и доверие государства к этому ключевому сектору для устойчивого развития экономики высоко. Поэтому банкам, обеспечивая устойчивое экономическое развитие и реализуя свои задачи и цели на практике, сохраняя доверие государства, следует уделять особое внимание двум основным вопросам: резервной политике и процентной и ценовой политике. В связи с этим в данной статье мы решили подробно рассмотреть экономико-институциональные аспекты процентной политики, проанализировали и рассмотрели ряд показателей и факторов и достигли значительных результатов. В этом контексте в статье обсуждаются специфические особенности процентной политики, характер ставок, их уровень и приоритетность, а также выявляется и представляется ряд особенностей.

Ключевые слова: Политика процентных ставок, процентная ставка по кредитам, процентная ставка по депозитам, цена услуг, процентная ставка, операции и услуги, политика процентных ставок и ценообразования, электронные платежи, экономическое развитие.

THE ROLE OF BANK INTEREST RATES AND THEIR IMPORTANCE IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF MONETARY RESERVES

Sharif Rahimzoda

Doctor of Economic Sciences, Professor, Department of Financial Economics and Stock Exchange Activities, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St. 64/14. E-mail: shama100@msn.com. Tel.: (+992) 901066652

Jumaev Ismatullo Kurbonovich


Assistant, Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St. 64/14. Tel.: 987230808. E-mail: ismatjuma1990@mail.ru

In Tajikistan, the banking system is one of the country's key sectors, and the state's trust in this key sector for sustainable economic development is high. Therefore, in ensuring sustainable economic development and implementing their objectives and goals in practice, while maintaining the state's trust, banks should pay special attention to two key issues: reserve policy and interest rate and pricing policy. Therefore, in this article, we have decided to examine in detail the economic and institutional aspects of interest rate policy, analyzed and examined a number of indicators and factors, and achieved significant results. In this context, the article discusses the specific features of interest rate policy, the nature of rates, their level and priority, and also identifies and presents a number of specific features.

Key words: Interest rate policy, interest rate on loans, interest rate on deposits, price of services, interest rate, transactions and services, interest rate and pricing policy, electronic payments, economic development.

Муқаддима. Низоми бонкӣ дар иқтисодиёти имрӯза яке аз сохторҳои марказие мебошад, ки тавассути он мувозинати муомилоти пулӣ таъмин ва рушди иқтисодиёт дар сатҳи зарурии барои давлат мувофиқ таъмин карда мешаванд. Илова бар ин заруриятҳо ва дигар ҳадафҳое, ки бевосита тавассути низоми бонкӣ дар иқтисодиёт татбиқ карда мешаванд аз амалкардҳои худди низоми бонкӣ низ вобастагии зиёд дорад. Бинобар ин фаъолнокии низоми бонкӣ дар ҷалби таваҷҷуҳи истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Дар баробари ин гуфтаҳо низоми бонкӣ метавонад нақш ва ҳиссаи худро дар заминаи истифодаи як қатор меъёрҳо ва татбиқи амалии онҳо дар иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монад. Бо ҳамин мақсад бонкҳо метавонад тавассути фоизҳо ё нархи амалиёт ва хизматрасониҳои худ ин мувозинатро дар амал нигоҳ доранд. Дар мавриди дигар яке аз вазифаҳои асоии низоми бонкӣ дар имрӯза иқтисодиёт батанзимдароии ҳаҷми пули дар муомилотбуда бо нигоҳ доштани самари иқтисодӣ мебошад. Бонкҳо аз як тараф маблағҳои муваққатан озоди шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро аз як тараф ҷалб намуда аз дигар тараф ба мақсади гирифтани фоида онҳоро ҷалб намуда аз дигар тараф бо мақсади гирифтани фоида онҳоро ба субъектҳои дигар пешниҳод менамоянд. Ин амал ба он он вобаста мебошад, ки низоми бонкӣ дар кадом шакл ва чи тавр сиёсати фоизии худро барои ҳавасмандгардонии субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ истифода мебаранд. Маврид ба зикр аст, ки татбиқи сиёсати фоизии бонкҳо дар самти тақсим ва азнатақсимкунии маблағҳо ва ба самтҳои афзалиятнок сафарбар намудани онҳо бевосита аз сиёсати фоизии бонкҳо ва сатҳи ҳавасмандгардонии онҳо вобастагии зиёд дорад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Ин масъала дар ташаккул ва рушди захираҳои пулии низоми бонкӣ низ нақши калидӣ дорат ва метавонад ба бартарӣ ва сатҳи рақобатпазирии бонкҳо низ таъсир расонад. Ташкили захираҳо, сифати захираҳо ва мӯхлату истифодаи самарноки онҳо дар ҳама шароит аз сиёсати дурусти фоизии бонкҳо ва сатҳи ҳавасмандии онҳо вобастагии зиёд дорад. Бояд ёдовар шуд, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ яке аз масъалаҳои асоие, ки суботи низоми бонкӣ ба воситаи он таъмин мегардад, ин пеш аз ҳама нуфуз ва эътибори низоми бонкӣ дар асоси баназаргирии манфиатҳои аҳолӣ ва истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ мебошад. Тавре маълум аст дар низоми бонкӣ сифати хизматрасонӣ аз нарх ё фоизи хизматрасонӣ вобастагии зиёд дорад. Ба ҳамн хотир бонкҳо кӯшиш менамоянд ба воситаи сиёсати дурусти фоизӣ нуфузу эътибори худро дар сатҳи ҷомеа нигоҳ доранд. Тавре, ки гуфта шудааст "...сиёсати бонкҳои тиҷоратӣ оид ба ҷалби захираҳои молиявӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати бонкӣ ва унсури асосии он маҳсуб меёбад. Илова бар ин, сегментҳои асосии сиёсати ҷалби маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба фаъолияти бонкӣ дар заминаи пасандозҳо, ҳисоббаробаркуниҳо, қарзҳо, амалиётҳои байнибонкӣ ва набояд алоҳида баррасӣ карда шаванд, балки онҳо бо назардошти таъсир ва вобастагии ҳамаи унсурҳои сиёсати бонкӣ бояд таҳлил гарданд" [9.72]. Ин изҳори назар метавона сиёсати маҷмӯиии фаъолияти бонкро дар доираи амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ифода намуда раванди ачоми онҳоро дар бар гирад. Вобаста ба ин метавон қайд намулд, ки дар шароити имрӯза дар баробари сиёсати бонкӣ як қатор сиёсатҳои дигар низ ҷой доранд, ки арзёбӣ ва баҳодиҳии онҳо метавонад, як қатор имкониятҳоро ба миён оварад. Бинобар ин мо дар таҳқиқоти илмии худ сиёсати бонкӣ ва як қатор сиёсатҳои тобеъ ва зарурии ригарро мавриди баррасӣ қарор додем.



Расми 1. Сиёсати таркибии низоми бонкӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Натиҷаҳо. Дар сатҳи бонкҳо сиёсати бонкӣ яке аз ҷузъҳои муҳим ва мураккаби бонкҳо маҳсуб ёфта тавассути он дидораи дурусти бонкӣ самараи зиёди молиявӣ ва пайдо намудани мавқеъ ва дигар равишҳои барои бонк зарур таҷассуб меёбанд Дар шароити имрӯза муракккабии сиёсати бонӣ дар он сос меёбад, ки дар доираи он дигар сиёсатҳои таркибӣ ташаккул ёфта рисоя ва босамаргардонии онҳо дар ҳама вазъият бонкро дар як ҳолати хуби амалиётӣ нигоҳ медорад. Дар таҷриба пеш аз оне, ки дар бораи сиёсати маҷмӯии бонк ҳарф занем пас дар ҳамин замина бояд ба якчан сиёсатҳои таркибии он таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Бар ҳамин асос яке аз сиёсатҳои буноёдии бонк, ки онҳо метавонад ҳамчуни сиёсати марҳалавӣ ва асосии бонк бошад, ин сиёсати кадрӣ мебошад. Дар аксар адабиётҳои илмӣ ва таълимӣ муаллифон бар он назаранд, ки "... сармояи асосии бонк ин мутаххасисони он мебошанд"[1].

Бинобар ин марҳалаи ибтидоӣ ва стратегии бонкро боназардошти имконияту иҷтидорҳои ҷорие, ки барои як бонки универсалӣ заруранд, мутахасисони он ташкил мебиҳанд, бинобар ид сиёсати кидрии бонк метавонад сиёсати ояндасоз мебошад. Зеро ҳар як тағйирте, ки дар бозори бонкӣ ба вуҷуд меояд ва он воқеан барои бон зарур, аст ин албатт а аз маҳорат ва дарки ҳодисаҳои ҷойдоштаи аз тарафи мутаххасиони бонкӣ вобаста мебошад. Бинобар ин мо зарурияти ташаккул ва заминаҳои рушди ҳар як бонро дар шароити имрӯза аз сиёсатҳои дурусти кадрии он вобаста медонем. Агар дар бонк мутаххасисони он қобилияти баланди корӣ ва дарки ҳодисаҳои бонкӣ ва дигар меъёрҳои зарурие, ки барои бонк заруранду онро ин гурӯҳи кормандон сари вақт дарк карда наметавонанд, ин масъала метавонад як қатор мушкилотҳои ҷиддиро ба миён оварад. Бинобар ин сиёсат аз як тараф бонкро ба мувафақият мерасонад аз дигар раараф бошат сатҳи самранокиро таъмин ва имкониятҳои берунмуҳитии онро ба таври чашмрас густариш медиҳанд.

Дар сиёсти кадрӣ мо айни замон се масъалаи асосие, ки дар расми 1 овардаем асосӣ медонем. Дар навбати аввал ҷобаҷогузори кадрҳо яке аз қисматҳои асосӣ ва меҳварии сиёсати кадри бонк маҳсуб ёфта ба воситаи он иқтидори бонк аз ҳисоби идораи дурут ва самарнок тақвият дода мешавад. Ин сиёсат метавонад дар марҳалаҳои минбаъда ба нуфузу эътибори бонк дар бозори рақобат мусоидат намуда, ҷалби таваҷҷуҳи субъектҳои гуногуни иқтисодиро ба худ ҷалб намояд.. Илова бар ин мубрамияти равандҳои захирасозӣ ва додани қарз ва сармоягузориро дар иқтисодиёт афзоиш диҳад.

Сиёсати кардрӣ бо сиёсати нархзгузори алоқамандии зиёд дошта ба воситаи он персонали идоракунӣ, ояндаи бонкро дар сатҳи чигунагии фаъолияти он муаян менамоянд. Бинобар ин сиёсати фоизӣ метавонад зинаи баъдии гузариш ба мувафақиятҳои бонк буда метавонад ду таъсири асосӣ дошта бошад, ки мушаххасоти онро дар ҷадвали 1 чунин ишора намудем.

Ҷадвали 1. Фоизҳои бонкӣ ва сатҳи таъсиррасонии онҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ

ТАЪСИРИ МУСБАТ	ТАЪСИРИ МАНФӢ
Зиёд намудани сатҳи даромаднокии бонк	Кам намудани боварӣ ва эътимоди мизоҷон ба бонкҳо
Муайян намудани қобилияти рақобатпазирии бонк	Душвор намудани қобилияти харидории аҳолӣ аз ҳисоби меъёри фоизи қарзҳо ва хизматрасониҳо
Мусоидат ба ҷали захираҳо ва азнавтақсимкунии онҳо	Аз байн бурдани эътимоди устувории бонк дар бозори рақобат
Афзоиши захираҳои дарозмуддати бонкӣ	Камшавии захираҳои дарозмуддати бонкӣ ва ҳамчунин дигар фондҳо
Дастрасӣ ва имконпазирии истифодабарандагони хизматрасониҳо	Паст кардани таваҷҷуҳи мизоҷон дар истифодаи хизматрасониҳо
Баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии бонк	Аз байн бурдани нуфуз, эътибор ва сатҳи рақобатпазирии бонк
ИМКОНИЯТҲОИ МЕЪЁРИ ФОИЗ	**ДУРНАМОИ МЕЪЁРИ ФОИЗ**
Зиёд намудани таваҷҷуҳ ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ	Васеъ намудани доираи амалиёт ва хизматрасонӣ вобаста ба соҳаҳо
Зиёд гардидани ҳаҷм ва ҳиссаи амалиёт ва хзизматрасониҳо	Дарёфти сарчашмаҳои иловагии ҷалби сармоя ва ҳамчунин сармоягузорӣ ба сарчашмаҳои дигар
Ворид намудани амалиёт ва хизматрасониҳои бонк	Ташкили бозори коғазҳои қиматнок вобаста ба имконият
Баланд гардидани нуфуз ва эътибори бонк дар бозори бонкӣ	Дастрасӣ ба фоидаи максималӣ ба таври доимӣ
Банақшагирии дуруст ва пешбиниҳои қобили дастрасӣ	Афзоиши доимии музди малш ва ҳавасмандгардонии кормандон
Ташкили фонҳои гуногуни мақсаднок аз йҳисоби дарпомадҳои иловагӣ	Ба таври доимӣ иваз намудани техника ва технологияҳои муосирӣ зарурӣ барои рушди бонк

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Вобаста ба маълумотҳои дар ҷадвал овардашуд ахаминро қайд кардан зарур аст, ки яке аз масъалаҳои асоие, ки бевосита метавонад мувозинати устувории бонро дар бозори бонкӣ нигоҳ дорад ин сиёсати фоизӣ ва имтиёздиҳӣ дар доираи он мебошад. Бинобар ин дар таҳқиоти илмӣ мо як қатор хусусиятҳои хоси сиёсати фоизии бонкҳо ва ҳамзамон сатҳи таъсирасонии онҳоро баррасӣ намуда нақши ҳалкунанда ва таъсиррасони онро мавриди баррасӣ қарор додем. Дар айни замон меъёри фоиз ба сифати як омили метавонад таъсири мусбат ва ё манфи дошта бошад, ки ҳамаи ин бевосита имкониятҳои минбаъдаи бонкро метавонанд муаян намоянд.

Дар нархгузории хизматрасониҳои бонкӣ яке аз масъалаҳои асое, ки ба он бояд таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир карда шавад, ин аз як тараф ба назар гирифтани имкониятҳои иқтисодии аҳолӣ ва аз тарафи дигар қобилияти ҷалби таваҷҷуҳи истифодабарандагои хизматрасониҳои бонкӣ мебошад. Вобаста ба сиёсати дурусти фоизӣ дар марҳалаи дигар аз як тараф метавон имкониятҳои минбаъда ва ҷории бонро муаян намуд ва аз тарафи дигар дурнамо ё стратегияи бонкро дар заминаи талаботҳои ҷорӣ муаян намудан мумкин аст. Хосиятҳои муҳими сиёсати фоизӣ ҳам имкониятҳои дохилибонкӣ ва ҳам имкониятҳои берунибонкиро метавонад дигаргун намояд, ки ҳамаи инро дар расми 2 чунин ишора намудем.



Расми 2. Кобилиятҳои сиёсати фоизӣ дар муҳити нави иқтисодӣ

Срчашма. Таҳияи муаллиф.


Тавре аз ишораҳои дар расм овардашуда яке аз омилҳои калидии таъмини мувозинати рақобат ва стҳи рақобатпазирӣ дар ду масъалаи асосӣ ифода меёбад, ки яке аз онҳо сифати хизматрасониҳои бонкӣ аст ва дигараш бошад меъёри фоизи пасандоз ва қарзҳо мебошад. Агар дар сиёсати фоизии бонкҳо одатан меъёри фоизи пасандозҳо баланд ва қарзҳои додашуда баракс бошанд, пас ин метавонад ба сифати як омили муҳим ва рақобатпазир дар низоми бонкӣ баромад намояд. Зеро мувафақиятҳои бонкӣ бевосита пайвастагӣ доранд ба чигунагии меъёри фоиз ва доштани қобилияти ҷалби таваҷҷуҳи мизоҷон мебошад. Таъмини рақобатпазирии бонк дар айни замон ба он асос меёбад, ки он бо кадом нарх ва имконият ба бозори бонкӣ баромадда дар асоси имтиёздиҳӣ ҳиссаи зиёди мизоҷонро ба худ ҷалб менамояд. Агар чанде, ки рақобат аз як қатор омилҳо вобаста мебошад ҳамоно дар ин замина фоизҳо ва нархи хизматрасониҳо ҳамчун омили калидӣ маҳсуб меёбанд.

Хусусияти дигари сиёсати фоизӣ ва ё нархи хизматрасониҳои бонкӣ дар он асос меёбад, ки тавассути он нуфуз ва эътибори бонк аз ҳисоби имтиёздиҳва имкониятҳои қобили дастрасии мизоҷон шумораи истифодабарандагони амалиёт ва хизматрасониҳои бонкиро афзоиш медиҳад. Дар айни замо то чи қадаре, ки бонкҳо бо фоизи паст қарз ва бо фоизи баланд пасандоз қабул намоянд ин ба нуфузу эътибори онҳо метавонад таъсири мусбат мерасонад. Новобаста аз он, ки имрӯз бо ривоятҳои мавҷуда ба бонкҳок, ки бо фоизи баланд пасандоз қабул меанмоянд, онҳо бонкҳои бо пул эҳтиёҷдошта мебошанд. Тавре маълум аст, ин ишораҳо дар шароити имрӯза на он қадар асоси воқеӣ доранд. Зеро дар бозори рақобат яке аз афзорҳои асосии сатҳи рақобатпазирӣ ва баланд гардидани нуфузу эътибори бонк ин фоизи пасти қарзҳо ва фоизи баланди пасандозҳо мебошад. Аз ҳамин лиҳоз меёрҳои мувофиқи қарзу пасандоз ва дигар хизматрасониҳои бонкӣ метавонанд ба таври чашмрас ба нуфузу эътибори бонк таъсири мусбат расонанд.

Новобаста аз оне, ки дар сиёсатҳои мавҷудаи бонк сиёсати фоизӣ яке аз қиматҳои марказӣ маҳсуб меёбад, сатҳи самарнокии фаъолияти бонкҳо аз ин вобастагии зиёд дорад. Руйпуш намудани хароҷотҳои мавҷуда, ҳавасмандгардонии ҳайати кормандон, беҳтаргардонии сифати хизматрсониҳо, ташили фондҳои мақсаднок ва дигар имкониятҳои дигари бонкӣ бевосита аз сиёсати фоизии онҳо вобастагии зиёд дорад. Тавре, ки маълум аст самарнокӣ метавонад ифодаи мантиқии қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ бо фоизи паст ва дастрас ва пасадозқабулкунӣ ва ё гирифтани ўҳдадорӣ бо фоизҳои баланд мебошад, ки ҳамаи ин ба таъмини самранокии фаъолияти бонкӣ таъсир мерасонад.

Дар мавриди дигар яке аз механизмҳои дигар ва хусусиятҳои хоси сиёсати фоизии бонкҳо ё нархи хизматрасониҳо махсусан қабули амонату пасандозҳо мебошад, ки он метавонад ба сатҳи захирасозии бонкҳо таъсири мусбат расонида ҳаҷм ва ҳиссаи онҳоро дар низоми бонкӣ афзоиш диҳад. Агар дар меъёри фоиз иқтидори ҷалби таваҷҷуҳ сурат гирад пас ин масъала метавонад аз ҳисоби афзоиши боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодӣ сатҳ, ҳам ва ҳиссаи захираҳои бонкиро афзоиш диҳад. Ва ин масъала арои бонкҳо ниҳоят муҳим ва зарур мебошад. Зеродар заминаи захирасозӣ аввал ҳиссаи пасандозҳо ба бонк афзоиш меёбад ва баъдан тавассути он бонк метавонад сандуқи қарзии худро мустаҳкам намуда аз ҳисоби он даромаднокии худро баланд бардорад. Дар робита ба ин мо се бонки пешсафро вобаста ба бартарии ҳиссаи пасандозҳо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем, ки натиҷаи онро дар диаграммаи 1 дида метиавонем.

Диаграммаи 1. Ҳаҷми пасандозҳои се бонки пешсаф дар низоми бонкии Тоҷикистон дар солҳои 2024 – 2025 млн. сомонӣ




Сарчашма: Дар асоси махлумотҳои Маҷалаи бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ №3 (110) июл сентиябри 2025. Саҳ 72. Сонаи расми ҶСК "Бонки Эсхата". КВД БА ҶТ "Амонатбонк" ва ҶСП “бонки байналмилалии Тоҷикстон”

Аз таҳлили маълумотҳои диаграммаи мазкур пай бурдани мумкин аст, ки дар самти қабули амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бонки давлатии амонатбонк мувафақ буда нишондиҳандаҳои мавҷуда ва сатҳи зиёдшавии онҳо низ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад. Тибқи маълумотҳои мавҷудаи диаграммаи 1 агар ҳаҷми пасандозҳои КВД БА ҶТ "Амонатбонк" дар соли 2024 5877,8 млн. сомониро ташкил намуда бошанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2025 маблағи 8311,4 млн.сомониро ташкил намудааст, ки дар давоми як сол ба андозаи 41,4% азоиш ёфтааст. Чунин нишондиҳанда дар ҶСК "Бонки Эсхата" агар соли 2024 3653,1 млн сомониро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда дар соли 2025 ба 4670,9 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли 2024 27,8% афзоиш ёфтааст. Ҷанбаҳои дигари зиёд намудани ҳаҷм ва ҳиссаи пасандозҳо дар бонк метавонад аз имкониятҳои зерин вобаста бошад:

1. Доштани нуфузу эътибор дар ҳошияи пардохтпазирӣ ва устуворӣ;
2. Доштани захираҳои кофӣ ва технологияҳои ҳзиразамон;
3. Мавҷудияти фоизҳои имтиёзнок ва муҳлатҳои иловагӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо;
4. Бо фоизи нисбатан балан қабул намудани пасандозҳо ва иҷрои ўҳдадориҳои саривақтии пардохтӣ ва ғ.

Дар доираи ин муҳимият чунин омадаст, ки “...хусусияти муҳими ташаккули меъёрҳои қарз ва пасандозҳои бонкӣ ба назар гирифта шавад, ки бо он алоқаманд аст, ки «нархҳои қарз асосан ба таври ғайримарказонидашуда муқаррар карда мешаванд ва хусусияти шартномавӣ доранд, дар ҳоле ки нархҳои пасандозҳо бештар аз рӯи қоидаҳои бозори мутамарказ ва савдои асбобҳои молиявии тайёр танзим карда мешаванд”[1.49]. Бонк дигаре, ки метавонад дар сатҳи меърҳои рақобатпазирӣ ҳаҷм ва ҳиссаи пасандозҳои худро афзоиш диҳад ин ҶСП “бонки байналмилалии Тоҷикстон” ҳаҷми пасандозҳои он дар соли 2024 2347,2 млн сомонӣ ва дар соли 2025 3483,6 млн. сомониро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли гузашта 16,1% афзоиш ёфтааст, ки ин метавонад ба сатҳи қарздиҳӣ устуворгардонии сандуқи қарзӣ ва як қатор имтиёздиҳёи дигар мусоидати ҳаматрафа намояд. Дар фаъолияти бонкӣ як масъалаи муҳим ин вобастагӣ ва стаҳи таъсиррасонии нишондиҳандаҳо буда дар он нақши назарраси омилҳои фоизиёӯ нархӣ ба таври доимӣ мебошад ва ҳамин масъала низ метавонад дар ҳама ҳолат мавқеияти бонкро дигаргун намояд. Давре, ки маълум аст дар баробари пасандозҳо бонкҳои мавҷуда, ки мавриди таҳлил қарор гирифтанд дар ин самт низ мувафақона амал намуда рушди сандуқи қарзии худро дар ин самт таъмин намуданд. (нигар ба диаграммаи 2)

Дигарраммаи 2. Динамика бонкҳои пешсаф дар самти қарздиҳӣ вобаста ба меъёри фоиз дар соли 2024-2025 млн. Сом



Сарчашма: Дар асоси махлумотҳои Маҷалаи бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ №3 (110) июл сентиябри 2025. Саҳ 72. Сонаи расми ҶСК "Бонки Эсхата". КВД БА ҶТ "Амонатбонк" ва ҶСП “бонки байналмилалии Тоҷикстон”

Дар иқтисодиёти пешрафта ва мувафақиятҳои ҷойдошта нақши захираҳои қарзӣ ва ҳиссаи қарздиҳии низоми бонки ба бахшҳои калӣ ва муҳими давлатӣ муҳим ва зарурӣ буда нақши онҳо дар пешрафти иқтисодӣёт ва татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат муҳим ва зарурӣ мебошад. Зеро дар айни замон қисми зиёди даромади

бонкиро амалиётҳои қарзӣ ташкил медиҳад ва зиёдшавии онҳо низ ба ин масъала таъсири мусбат мерасонад. Таре маълум аст дар низоми муносибатҳои қарзӣ танҳо ҳамон бонкҳое, ки имтиёзи бештарро дар даст доранд онҳо дрои захираҳои зиёди қарзианд, ки ба воситаи он метавонанд даромадҳои пулии худро афзоиш диҳанд. Паҳлу ва заруриятҳои дигар муносибатҳои қарзиро дар адабётҳои дигари илмӣ комилан метавон мушоҳида намуд[11]. Тавре аз таҳлҳо бар меояд дар низоми бонкии кишвар вобаста ба сатҳи ками фарқият дар нархи хизматрасониҳо ҳамоно баъзе масъалаҳоеро ни во хурдан мумкин аст, ки онҳо метавонанд ба паст будани дараҷаи рақобатпазирӣ оварда расонанд. Илова бар ин нархи баробар ва якелаи низоми бонкӣ наметавонад дар сатҳи зарурӣ мувафақиятҳои бонкиро таъмин намояд. Тавре аз диаграммаи 2 бар меояд дар қарздиҳӣ ба бахшҳои хуногуни хоҷагии халқи Тоҷикстон танҳо 3 бонк мавқеи калидӣ дошта ҳисса ва ҳаҷми қарздиҳии онҳо ба таври назаррас арзёбӣ гардидааст. Ҷанбаҳои дигари қарздиҳӣ ва зарурияти равандҳои марбут ба ин тамоюлро дар дигар адабиётҳо во хурдан мумкин аст.[3.137], [4.118], [5.182].

Чи тавре, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд дар ин муҳит асосан 3 бонки низомсоз мавқеи асосиро касб намуда дар зинаи якум ҶСК "Бонки Эсхата" қаро гирифтааст, ки қарздиҳии он дар соли 2024 3544.2 млн. сомонӣ ва дар соли 2025 ба 4796,9 баробар гардидааст, ки дар таносубба соли таҳлилшаванда 35,3% зиёд мебошад. Ҳамчунин таибқи нишондиҳандаҳо мавқеи дуюмро бо бартарии нисбӣ ҶСК “Ориёнбонк”ишғол намуда сандуқи қарзии он дар соли 2024 3884,7 млн. сомонӣ ва дар соли 2025 ба 2990,4 баробар гардидааст, ки ин нишондиҳанда дар таносуб ба соли 2024 -22,3 кам шгаридааст. Дар дигар маври КВД БА ҶТ "Амонатбонк" дар ҳама соҳа ва сохторҳо аз пешсафони асосӣ маҳсуб ёфта сандуқи қарзии он дар ссоли 2024 2475.6 ва дар соли 2025 2875,8 млн сонмониро ташкил намудааст, ки дар давоми яксол ба андозаи 16,2% зиёд гардидаст. Қайд кардан зарур аст, ки яке аз масъалаҳои асоие, ки ба рушди устувор ва босуботи бонк таъсир мерасонад агар аз як тараф талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ бошад аз дигар тараф аз меъёри воиз ва нархи хизматрасониҳои бонкӣ вобаста мебошад. Дар иловаи ин иброз гардидааст, ки “...яке аз воситаҳои асосӣ барои афзоиш додани дороиҳои бонкӣ ва ба қарз равона кардани он бо мақсади фоида, ин уҳдадориҳои бонкӣ мебошад”[1.25]. Бинобар ин дар баробари пешсафии бонкҳои таҳлилгардида мо меъёри фоизи қарзҳо ва пасандозҳоро дар ин бонкҳои низомсоз мавриди баррасӣ қарор додем. (нигар диаграммаи 3)

Диаграммаи 3. Меъёри фоизи қарзҳо ва пасандозҳои муваффақ дар устувории сандуқи қарзӣ ва захираҳои пасандозӣ дар Тоҷикстон бо %



Сарчашма: Дар асоси махлумотҳои Маҷалаи бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ №3 (110) июл сентиябри 2025. Саҳ 72. Сонаи расми ҶСК "Бонки Эсхата". КВД БА ҶТ "Амонатбонк" ва ҶСП “бонки байналмилалии Тоҷикстон” www.ibt.tj

Муҳокима. Вобаста ба фоиз ва нархгузории бонкӣ бамаврид зикр гардидааст, ки “...нархгузорӣ дар бахши бонкӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки аз вазифаҳои миёнаравии муассисаи қарзӣ бар омада ба фаъолияти бонкҳо ҷиҳати қонеъ кардани ниёзҳои муштариёнашон вобаста ба ҳаракати маблағҳо асос ёфтаанд”[10.73]. Маъмулан фоизҳо дар назар агар як нишондиҳандаи муқарарба назар расанд, амо дар бонкҳо ҳамчун омили муҳим маҳсуб ёфта дар он нақши як қатор омилҳо ва механизмҳои дигар муҳим ва зарурӣ мебошад. Бонкҳое, ки низоми мустаҳками захираҳои озоди пулӣ доранд онҳо метавонад ба истифодабарандагони амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ аз дигар ташкилотҳои дар бозори бонкӣ амалкунанда зиёдтар имтиёздиҳӣ намоянд. Тавре маълум аст, дар иқтидори захираҳои қарзӣ дар айни замон аз 18 бонки амалкунанда 3 бонки он бо иқтидори устувори захираҳои қарзӣ пешсаф буда ҳатто меъёри фоизӣ қарзи ва пасндозии онҳо низ дар ҳадди аз 1 то 6 банди фоизӣ дар додани қарз ва қабули пасандозҳо фарқ мекунад.

Бинобар ин аз таҳлилҳо бар меояд, ки меъёри фоизи пастаринро дар қарздиҳи КВД БА ҶТ "Амонатбонк" дорад, ки ҳаҷми он 20%ғӣ солонаро ташкил медиҳад ва ҳамчун қабули пасандозҳо дар ин бонк 13%- исолонаро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо 2-3 соли пеш тахминан 3-4 банди фоизӣ зиёд мебошад. Дигар бонку ташкилотҳои қарзӣ махсусан бонкҳои низомсоз ва дигар бонкҳои наздик ба ин зина метавонанд ба истифодабарандагони хизматрасонӣ имтиёздиҳнамоянд. Дар масъалаи меъёри фоизи пасандозҳо айни замон бонки мувафақ ин ҶСП “бонки байналмилалии Тоҷикстон” мебошад, ки бо 14% дар ҷойи аввал қарор дорад. Бояд ёдовар шуд, ки заруритя ва дигар заминаҳои муҳими рушди муносибатҳои қарзиро шариф раҳимзода дар асари илмии худ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Дар иқтисодиёти имрӯза барои татбиқи дурусти сиёсати фоизии бонкӣ зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ бонкҳо бояд ба як қатор масъалаҳои зарурӣ аҳамияти аввалиндараҷа дҳанд:

1. Истифода аз воситаҳои ҳозиразамони техникӣ ва технологӣ ҷиҳати коҳиш додани сатҳи хавфҳо ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо ва дигар пардохтҳои зарурӣ тариқи электронӣ;
2. Пурзур намудани низоми нави назоратӣ дар самти ҷаъмкунӣ ва азнавтақсимкунии сармояи пулӣ ва ба сатҳои афзалиятнок саварбар намудани онҳо;
3. Таҳияи стратегияи кутоҳмуддати сиёсати фоизӣ ва нархӣ дар бонк бобаназаргирии бахшҳои воқеӣ ва калидии мамлакат;
4. Баназаргирии фаъолиятиҳои иҷтимоию иқтисодии истифодабарандагони амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ дар самти истифодаи мақсадноки маблағҳо боназардошти муқаррароти фоизҳои мувофиқ;
5. Таъмини эъдимоди аҳолӣ ва ба даст овардани он дар заминаи муқаррароти фоизҳои ҳавасмандӣ дар доираи имкониятҳои мавҷдаи тарафҳо;
6. Паст кардани меъёри фоизи қарзҳо бо роҳи ҷалби захираҳои арзон ва зиёд намудани қарзҳои имтиёзнок аз ҳисоби воситаҳоии худдӣ ва ғ.

Хулоса. Дар умум гуфтан мумкин аст, ки паст намудани меъёри фоиз ва нархи хизматрасониҳо ин як ҳолати муқаррарӣ набуда балк он аз як қатор омилҳо вобаста мебошад, ки риояи меърҳои мавҷудаи онҳо дар таъсири ин сиёсат ва меъёр муҳим буда татбиқи он низ муҳим ва зарурист. Паҳлуҳои дигари масъалаи мазкурро дар самти дигар воситаҳои алоқаманд ва таъсиррасон дар адабиётҳои дигар низ во хурдан мумкин аст [6, с. 143], [7, с. 174], [8, с. 67]. Ҳамчунин ҷанбаҳои дигари масъалаи мазкурро муаллиф дар нашрияҳои дигари илмӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст [12, с. 173], [13, с. 364], [14, с. 156].

Адабиёт

1. Аҳадов, И. Қ. Модели устувории фаъолияти бонкӣ ва самаранокии дороиҳо / И. Қ. Аҳадов, Р. Ш. Саераева // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 2(52). – EDN MQRUIN. Ашуров Нусрат. Пул, қарз ва бонк / Н. Ашуров. Том нашри дуюм. – Душанбе : Матбуот, 2011. – 47с. – ISBN 978-99947-34-13-9.
2. Банковский кредитно-инвестиционный механизм в современных условиях / под ред. проф. В. С. Былинкиной. Саратов: Саратовский государственный социально-экономический университет, 2008. С. 49.
3. Махшулов, С. Ҷ. Механизмҳои асосии фаъолгардонии қарздиҳии низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт / С. Ҷ. Махшулов, Б. Ахмедова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 137-151. – EDN BYDSPR.
4. Махшулов, С. Ҷ. Хусусиятҳои хосси ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 6-1. – P. 118-124. – EDN CEOMMW.
5. Махшулов, С. Ҷ. Рушди низоми бонкӣ ва муносибатҳои қарзӣ дар шароити муосир / С. Ҷ. Махшулов, Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 10-1. – P. 182-190. – EDN PGZAVX.
6. Махшулов, С. Ҷ. Ҳадафгирии таврруми ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов, В. Н. Қурбонов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. S2.1(31). – P. 143-154. – EDN KXULCL.
7. Махшулов, С. Д. Устойчивость национальной валюты, ее теория и методология / С. Д. Махшулов, Б. Б. Ходжаев, К. С. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 174-179. – EDN VQTTXM.
8. Нурализода, А. Н. Инфляция, появление и её воздействие на курс национальной валюты / А. Н. Нурализода, С. Д. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 67-72. – EDN TNJAXP.
9. П. А. Продолятченко. О роли банковского процента при формировании привлеченных ресурсов кредитной организации. Вестник экономические науки. № 2 (20) февраль 2012. Стр 72
10. П. А. Продолятченко. О роли банковского процента при формировании привлеченных ресурсов кредитной организации. Вестник экономические науки. № 2 (20) февраль 2012. Стр 73
11. Рахимов, Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Рахимов. Том нашри сеюм. – Душанбе : Эр-граф, 2018. – 8с. – ISBN 978-99975-67-08-6. – EDN QZUTHZ.
12. Ҷумаев, И. Қ. Масъалаҳои асосии сиёсати нархгузорӣ дар бонкҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ / И. Қ. Ҷумаев // Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун омили рушди иқтисодӣ : Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи, Душанбе, 16 декабря 2024 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2024. – P. 173-183. – EDN FZUEKE.
13. Ҷумаев, И. Қ. Динамикаи нишондиҳандаҳои меъёри фоизи амалиёти бонкӣ ва таҳлили тағйирёбии он / И. Қ. Ҷумаев // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-1(38). – P. 364-375. – EDN JRWPEZ.
14. Ҷумаев, И. Қ. Асосҳои назариявии пешбурди сиёсати фоизӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / И. Қ. Ҷумаев // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 1(25). – P. 156-160. – EDN ATVVPX.